**СУРАТҶАЛАСАИ №2**

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA – 008 аз рӯйи ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм дар назди МД Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино

аз 07 феврали соли 2025 ш. Душанбе.
вақти оғози ҷаласа: 13:00
вақти анҷоми ҷаласа: 15:10

Ҳозир буданд: аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсиони 15 нафар, аз он ҷумла 4 нафар доктори илмҳои тиббӣ аз рӯйи самти рисолаи баррасишаванда

7 феврали соли 2025, соати 13:00 дар толори Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" (ш. Душанбе, кучаи Сино 29-31) маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-008 барпо гардид.

Рӯзнома:

Ҳимояи рисолаи докторанти PhD кафедраи бемориҳои дарунии №3-и Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Ҳиммат Муҳаммад Ёсин дар мавзӯи: "Таъсири маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори функсионалии меъдачаи чап ва вариабелнокии ритми дил дар беморони фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ.

Аз руйи ин масъала раиси шурои диссертатсионӣ д.и.т., профессор Исмоилов К.И. баромад намуд.

Рисола дар кафедраи бемориҳои дарунии №3-и Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Точикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино", Вазорати нигаҳдори тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: номзади илмҳои тиббӣ, дотсенти кафедраи бемориҳои дарунии №3-и Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино" Ҳоҷиева Гулнора Бобоевна.

Муқарризони расмӣ:

1. Олимзода Насим Хоҷа – доктори илмҳои тиббӣ, профессор, директори МД "Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳоли Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Рофиева Ҳалима Шарифовна – номзади илмоҳи тиб, мудири кафедраи терапияи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон" тақризҳои мусбат доданд.

Муассисаи пешбар:

Муассисаи давлатии таълимии "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Котиби илмӣ ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳодшударо муаррифи намуд.

Ҳиммат Муҳаммад Ёсин мазмуни рисола баён намуд. Ба Ҳиммат Муҳаммад Ёсин 10 савол дода шуд, аз тарафи: д.и.т. Авезов С.А., д.и.т. Муҳамадиева К.М., н.и.т. Бабаева Л.Н., д.и.т. Мустафақулова Н.И.

Ба ҳамаи саволҳо доктори PhD ҷавобҳои пурмазмун дод.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Ҳоҷиева Г.Б. бо сухан баромад намуд.

Котиби илмӣ, хулосаи муассисае, ки дар он ҷо кор анҷом ёфтааст, матни тақризи муассисаи пешбар МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва тақризҳои барои автореферати диссертатсия воридшударо қироат намуд. Ҳама тақризҳо мусбатанд, эрод надоранд.

Баромад кард муқарризи расмӣ Рофиева Ҳалима Шарифовна – номзади илмҳои тиббӣ, мудири кафедраи терапияи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон”.

Муқарризи расмӣ Олимзода Насим Хоҷа – доктори илмоҳи тиббӣ, профессор, директори МД “Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо сабаби узрнок дар ҳимоя иштирок надоштанд. Тақриз аз тарафи котиби илмӣ қироат шуд. Дар тақриз 3 савол ҷой дошт.

Муаллифи рисола ба саволҳои муқарризӣ расмӣ посух дод.

Дар муҳокима доктори илмҳои тиббӣ Саидов Ё.У., доктори илмҳои тиббӣ, дотсент Нозиров Ҷ.Ҳ. баромад карданд.

Муаллифи рисола сухани хотимавӣ баён кард.

Овоздиҳии пинҳонӣ оғоз ёфт. Бо ин мақсад бо овоздиҳии кушод аз 3 нафар аъзоёни шуро комиссияи ҳисобӣ интихоб карда шуд, дар ҳайати: доктори илмҳои тиббӣ Одинаев Ш.Ф., доктори илмҳои тиббӣ Саидзода Б.И., номзади илмҳои тиббӣ Бабаева Л.А. (аъзоёни комиссияи ҳисобӣ).

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар ҳузур доштанд, ки 4 нафарашон доктрони илм аз руйи самти рисолаи баррасишаванда буданд.

Натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ: 15 нафар - тарафдор, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Аъзоёни шурои диссертатсионӣ бо овоздиҳии кушод протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ карданд.

Шурои диссертатсионӣ бо овоздиҳии кушод дар бораи додани дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ хулоса ва қарор қабул кард.

**ҚАРОРИ:**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 008 нисбати ҳимояи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ дар Муассисаи давлатии таълимии

“Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” аз 07.02.с.2025:

Бо шунидани маърӯзаи рисолаи Ҳиммат Муҳаммад Ёсин дар мавзуи: “Таъсири маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори функсионалии меъдачаи чап ва вариабелнокии ритми дил дар беморони фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол” аз руйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ; тақризи роҳбар; тақризи муассисаи пешбар МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо имзои доктори илмҳои тиббӣ, профессор Шукурова С.М., номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Нарзуллоева А.Р., номзади илмҳои тиббӣ Баҳроми М.Т. ва аз ҷониби ректор, доктори илмҳои тиббӣ, профессор Муҳиддин Н.Д. тасдиқ карда шуда; тақризҳои муқарризони расмӣ – доктори илмҳои тиббӣ профессор Олимзода Н.Х., н.и.т. Рофиева Ҳ.Ш; тақризҳое ки барои автореферати рисола гирифта шудаанд, инчунин баромадҳои муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои тиббӣ Саидов Ё.У., доктори илмҳои тиббӣ, дотсент Нозиров Ҷ.Ҳ., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулкардаи шурои диссертатсионӣ оид ба рисолаи Ҳиммат Муҳаммад Ёсин бо назардошти аҳамияти мавзуи рисола, асоснокӣ, навоварӣ, аҳамияти натиҷа ва хулосаҳои рисола, шурои диссертатсионӣ

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1.Кори рисолаи Ҳиммат Муҳаммад Ёсин дар мавзуи: “Таъсири маводҳои фишорпасткунанда ба сохтори функсионалии меъдачаи чап ва вариабелнокии ритми дил дар беморони фишорбаландии шараёнии шахсони калонсол”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ кори илмии анҷомёфта буда, ба ҳамаи талаботҳои фасли 3, б. 31, 33, 34 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ки ба рисолаҳои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисос пешниҳод шудааст мувофиқат мекунад.

2. Автореферат ва мақоллаҳои чопшуда нуқтаҳои асосии кори рисоларо ба қадри кифоя инъикос мекунанд.

3. Ба Ҳиммат Муҳаммад Ёсин дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D110104 – Бемориҳои дарунӣ дода шавад.

4. Барои тасдиқи ин қарори шурои диссертатсионӣ ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Исмоилов К.И. – раиси шурои диссертатсионӣ Ҳиммат Муҳаммад Ёсинро табрик гуфта, ба роҳбар, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кӯмакашон дар кори шурои диссертатсионӣ изҳори сипос намуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиббӣ, профессор К.И. Исмоилов

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои тиббӣ, дотсент Р.Ҷ. Ҷамолова

07.02.с.2025

имзои/подпись К.И. Исмоилов Р.Ҷ. Ҷамолова
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«07» 02 2025 с/г